آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

25 феврали соли 2023 Шанбе № 16 (14924)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ҚАШҚАДАРЁ ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲОИ БУЗУРГ

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 24 феврал ба мақсади шинос шудан бо рафти ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ба вилояти Қашқадарё ташриф овард.

Сиёсати иҷтимоии кишварамон ба амалӣ намудани дигаргунсозиҳо дар ҳар як маҳалла ва мақсаднок ҳал намудани дархости аҳолӣ нигаронда шудааст. Дар маҳаллаи Янги Батоши ноҳияи Қаршӣ низ инфрасохтор пайваста ривоҷ меёбад. Маҳалла соли 2021 ташкил шуда, дар он мактаб набуд. Беш аз 500 нафар писарону духтарон дар мактабе, ки 10 километр аз маҳалла дур воқеъ буд, таҳсил мекарданд.

Ба қарибӣ дар ин ҷо сохтмони мактаби нав ба охир расид. Зимни боздид аз маҳалла Президент бо мактаб шинос шуд.

Муассисаи таълимӣ барои 660 хонанда пешбинӣ шудааст. Зиёда аз 30 синфхона, китобхона, толори ҷамъомадҳо, ошхона, лабораторияи STEM, синфи компутерӣ, утоқҳои раҳнамоии касбӣ мавҷуданд.

Майдончаҳои варзишии кушода ва пӯшида, минтақаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ташкил карда шудааст.

Дар кишвари мо ба ҷавонон омӯзондани камаш ду забони хориҷӣ ва як касби замонавӣ самти асосии фаъолияти низоми таълими мактабӣ муайян шудааст. Дар мактаби нав барои ин шароит фароҳам оварда шудааст. Дар утоқҳои махсус ҷиҳозонидашуда хонандагон дўзандагӣ, заргарӣ, ошпазӣ, сартарошӣ, асрори электротехника, хидматрасонии компутерӣ ва телефонҳои мобилӣ, робототехникаро меомӯзанд.

Сарвари давлатамон бо хонандагон суҳбат кард.

– Мо тамоми шароит фароҳам меорем, то ки хонандагон баъди хатми мактаб забони хориҷиро донад ва касбро азхуд кунад. Синфи 11 синфи роҳи ҳаёт хоҳад шуд. Агар ҳар як хонанда ба ин мақсад расад ва дар ҷамъият ҷойгоҳи худро ёбад, пойдевори Ўзбекистон мустаҳкам хоҳад шуд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент дар ин ҷо бо омӯзгорони Қашқадарё суҳбат орост.

– Ҳангоми ба амал татбиқ намудани ҳар як ислоҳот, ҳангоми қабул намудани қарор пеши назарам симои омӯзгорон меояд, – гуфт сарвари давлат. – Пӯшида нест, ки қаблан бачаҳоро се моҳ ба пахтачинӣ мебаровардand. Танҳо дар Қашқадарё 155 ҳазор ҷойи хонанда намерасид. Аз ин рӯ, ба ин вилоят 1 триллион сўм ҷудо карда шуд. 215 мактаб сохта шуд. Ҳоло Қашқадарё аз ҷиҳати шумораи мактабҳо дар ҷумҳурӣ дар ҷойи якум аст. Музди меҳнати омӯзгорон низ зиёд карда шуд. Албатта, мо ин корро давом медиҳем. Аммо, аз ҳама муҳимаш, бояд сифат бошад. Ин пеш аз ҳама ба дониш, ҷаҳонбинӣ, фидокории омӯзгорон вобаста аст.

Дар вохўрӣ омӯзгорон дар бораи фаъолияти худ нақл намуда, фикру андеша ва пешниҳодҳояшонро иброз доштанд.

Сарвари давлат бо зиндагии аҳолии маҳаллаи Янги Батош шинос шуд.

Дар ин ҷо зиёда аз 4 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Маҳалла обод буда, соҳибкорӣ ривоҷ меёбад. Корхонаи бофандагӣ, дорухона, бонки кўчак, мағозаҳо ва нуқтаҳои хидматрасонии маишӣ фаъолият доранд.

Президент бо шароитҳои дар Маркази хонакории маҳалла муҳайёгардида шинос шуд.

Дар ин ҷо дар баробари истеҳсоли маҳсулоти дўзандагӣ ва чарму қолин, ба хонакорон касб омўзонда мешавад. Дар асоси омўзише, ки аз ҷониби ёвари ҳоким ва фаъоли бонувон гузаронда шуд, ба шаҳрвандони бекор бо назардошти майлу хоҳиши онҳо устоҳо вобаста карда мешаванд. Онҳое, ки касбро пурра аз худ кардаанд, асбобу анҷом ва ашёи хоми зарурӣ ҷудо карда мешаванд, то ки онҳо дар хона фармоишро иҷро намоянд. Шартномаҳое, ки байни фармоишгар ва хонакорон баста мешаванд, аз ҷониби ёвари ҳоким ба Низоми ягонаи миллии меҳнат дохил карда мешавад.

Сарвари давлат дастур дод, ки ҳунармандони марказ бо ашёи хом таъмин карда, дар маҳаллаҳои сераҳолӣ барои хонакорон дар коллеҷҳо биноҳои алоҳида ҷудо карда шаванд.

– Маҳалла бузургтарин пойгоҳ барои омўзиши ҳунар аст. Аз анъанаҳои устоду шогирд истифода бурда, дар асоси хонакорӣ бисёр одамонро бо шуғл таъмин намудан мумкин аст. Барои онҳо, хусусан занон ин кумаки маънавӣ ва моддӣ хоҳад буд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Марказ ба ҷузъ аз маҳаллаи Янги Батош ба маҳаллаҳои ҳамсоя Батош, Хониён, Тараққиёт, Дашт, Ҷумъабозор низ хидмат мерасонад. Вақте ки он ба иқтидори пурраш мерасад, тақрибан 24 ҳазор нафарро бо ҷойи кор таъмин хоҳад кард.

Пас аз ин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев ба Омўзишгоҳи олии ҳарбии авиатсионӣ дар шаҳри Қаршӣ ташриф овард.

Омўзишгоҳ соли 1994 таъсис ёфтааст. Аммо дар Ҷиззах, ки қаблан он ҷо воқеъ буд, барои амалиёти лётчикҳо шароити кофӣ вуҷуд надошт.

Сарвари давлат соли 2018 зимни боздид аз фурудгоҳи ҳарбии Хонободи вилояти Қашқадарё пешниҳод карда буд, ки аз имконоти аэродром барои омодасозии лётчикҳои ҳарбӣ самаранок истифода баранд. Ҳамин тариқ, Омўзишгоҳи олии ҳарбии авиатсионӣ соли 2019 ба шаҳри Қаршӣ кўчонда шуд. Корпусҳои таълимиву тамринӣ бо дастгоҳи машқкунии замонавӣ, таҷҳизот ва технологияҳои иттилоотӣ муҷаҳҳаз гардонда шуданд.

Ин ба курсантҳо имкон медиҳад, ки дар аэродроми Хонобод оид ба идоракунӣ ва хидматрасонӣ ба самолётҳои ҳарбӣ машғулот пеш баранд. Инчунин бевосита дар майдончаҳои тамринӣ иштирок кунанд. Марказӣ омўзиши пеш аз парвозӣ ва иттилоотиву захиравӣ, лабораторияҳои таълимӣ аз рўи чор ихтисос барои баланд бардоштани сатҳи касбии лётчикҳои ҳарбӣ хидмат мекунанд.

Дар ихтиёри курсантҳо марказҳои фарҳанг дорои 120 ҷой, хобгоҳ дорои 400 ҷой, ошхона, майдони омодагии ҳарбӣ ва шаҳраки варзишӣ мавҷуданд. Дар айни ҳол дар ин ҷо 276 нафар курсантҳо таҳсил мегиранд.

Президент бо шароити мактаб шинос шуд.

Дар суҳбат бо ҷавонон дар баробари ихтисос азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои замонавӣ таъкид гардид.

– Мудофиаи ҳар як давлат тавоноии онро нишон медиҳад. Мудофиаро шумо барин ҳарбиёни соҳибмаълумот, мақсаднок, боирода, муҳандисон ва лётчикҳо таъмин менамоянд. То ки ба ин унвон муносиб гардед, шумо бояд ба таври доимӣ хонед, дар болои худ кор кунед ва маҳорататонро ҳамаҷониба сайқал диҳед, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сарфармондеҳи олӣ бо курсантҳо дар ошхонаи омўзишгоҳ таом хўрд. Машғулотҳои варзишӣ ва таълимиро мушоҳида намуд. Дар осмони болои омўзишгоҳ бо иштироки самолётҳои қиркунанда, хуҷумкунанда, ҳавопаймоҳои нақлиётӣ ва вертолётҳои ҷангӣ парвози намоишии авиатсияи ҳарбӣ барпо гардид.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки бо назардошти чолишҳои дар ҷаҳон мушоҳидашаванда мудофиаи зиддиҳавоиро боз ҳам мустаҳкам кунанд, васлкунии озмоишии аппаратҳои бесарнишини парвозкунанда ба роҳ монда шавад. Зарурати такмил додани фаъолияти омўзишгоҳ бо дарназардошти ин омилҳо, татбиқи барномаҳои замонавии таълимӣ бо муассисаҳои хориҷӣ зикр гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар рафти сафарҳо ба минтақаҳо ҳамеша кўшиш мекунад, ки бо одамон бевосита муошират кунад, сатҳи зиндагии мардумро бо чашми худ бубинад. Номгўйи маҳсулот ва ҳолати нархҳо дар бозори дохилӣ нишондиҳандаи муҳими сатҳи зиндагӣ мебошад.

Дар остонаи соли нав дар шаҳри Қаршӣ маҷмааи серошёнаи савдои дорои супермаркет, мағозаҳои техникаи маишӣ, асбобу анҷоми рўзгор ва муассисаҳои фароғатӣ ба истифода дода шуд.

Сарвари давлатамон маҷмааро тамошо кард. Вай аз супермаркет ва мағозаи техникаи маишӣ дидан кард. Бо сифат ва нархи маҳсулот шинос шуд. Ба он баҳои баланд дод, ки қисми зиёди маҳсулот дар мамлакати мо истеҳсол мешавад.

Президент дар суҳбат бо харидорон ба фикри онҳо оиди нархи хўрокворӣ ва сифати хидматрасонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Президент Шавкат Мирзиёев инчунин ба минтақаи хурди саноатии «Буюк турон» дар шаҳри Қаршӣ ташриф овард.

Дар ин ҷо то имрўз ду лоиҳа татбиқ гардида, зиёда аз 500 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Дар назар аст, ки то охири сол боз ду лоиҳаи дигар ба анҷом расонда, шумораи умумии ҷойҳои корӣ ба 1,5 ҳазор мерасад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Муносибат

МАРҲИЛА БА МАРҲИЛА ГУЗАШТАН БА «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ» – ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАРАҚҚИЁТ

Сафари Сарвари давлатамон ба вилояти Ҷиззах ба дурнамои рушди минбаъдаи иқтисодиёти соҳа, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ такони бузург мебахшад.

Дар рушди иқтисодиёти минтақа ба «энергетикаи сабз» мавқеи алоҳида дода мешавад. Ин бошад, дар оянда барои рушди тадричии «иқтисодиёти сабз» замина фароҳам меорад.

Мисоли одӣ, ҳоло ба хонаҳои деҳқонон дар хоҷагиҳои фермерӣ панелҳои офтобӣ низ насб карда мешаванд. Ташаббусҳои соҳибкорон дар мавриди бунёди неругоҳҳои офтобии 5, 10, 15 мегаватта барои эҳтиёҷоти худ низ дастгирӣ меёбад.

Танҳо тавассути ин дар соли 2023 30 мегаватт неруи барқ ҳосил карда шуда, 28 миллион киловатт-соат қувваи барқ тавлид карда мешавад. Дар ҷамъомад гуфта шуд, ки дар соли 2023 дар ноҳияи Зафаробод 2 неругоҳи хурди барқии иқтидори умумиаш 2 мегаватт бунёд шуда, имсол онҳо метавонанд 2 миллиону 400 ҳазор киловатт-соат неруи барқ ҳосил кунанд.

Аз иқтидори 10 ҳазор километр шабакаи обёрикунӣ ва каналҳо истифода бурда, дар вилоят метавон ба сохтмони неругоҳҳои хурди обии иқтидораш 3 мегаватт шурўъ кард.

Дар соли 2023 аз ҳисоби насби панелҳои офтобии 5 мегаватта дар биноҳои давлатӣ ва ҳукматӣ 5 миллион киловатт-соат неруи барқ таъмин карда хоҳад шуд.

Барои ин бо иштироки бонкҳо ширкати алоҳида ташкил карда мешавад. Ин ширкат дар Ҷиззах бо харҷи 5 миллион доллар дар 250 бино панелҳои офтобӣ насб карда, бо «энергияи сабз» таъмин хоҳад кард. Дар минтақаи саноатӣ ва биноҳои соҳибкорон иқтидорҳои 15 мегаватта ҷойгир карда мешаванд. Бонкҳо ба соҳибкорон 100 миллиард сўм захираҳои вом ҷудо мекунанд.

Ба хонадони шаҳрвандон барои манбаъҳои азнавбарқароркунандаи энергия панели 8 мегаватта насб карда, ҳар як киловатт қувваи барқи аз эҳтиёҷ зиёдатӣ аз ҷониби давлат ҳазорсўмӣ харид карда мешавад. Ин тариф ҳоло 295 сўмро ташкил медиҳад.

Бесабаб ба ин соҳа таваҷҷуҳи махсус дода намешавад. Гуфта шуд, ки норасоии неруи барқ дар минтақа дар соли 2022 ба 123 миллион киловатт-соат расида, ин рақам дар соли 2023 ба 156 миллион киловатт-соат мерасад. Дар вилоят камаш барои 2 ҳазор мегаватт энергияи аз нав барқароршаванда салоҳият вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, дар Ҷиззах соли 2023 270 мегаватт иқтидори неруи офтобӣ ба истифода дода мешавад ва аз ин рў 236 миллион киловатт-соат неруи барқ тавлид шуда, камчинӣ аз ҳисоби изофа пўшонда мешавад. Аз ин ҳисоб, умуман 71 миллион метри мукааб газ сарфа карда мешавад.

Дар вилоят ба роҳ мондани лоиҳаҳои калонмиқёси «энергияи сабз» пешбинӣ шудааст. Масалан, аз ҳисоби 200 миллион доллар сармояи бевоситаи ширкати «Масдар»-и Аморати Муттаҳидаи Араб дар Ғаллаарал неругоҳи бузурги офтобии иқтидораш 220 мегаватт ба кор андохта шуда, имсол 60 миллион киловатт-соат неруи барқ тавлид мешавад. Соли оянда ин неругоҳ ба иқтидори пурра баромада, 500 миллион киловатт-соат қувваи барқ ҳосил намуда, 20 фоизи эҳтиёҷоти вилоятро таъмин мекунад.

Якҷоя бо Бонки осиёии рушд дар Фориш лоиҳаи бузурги неругоҳи офтобии иқтидораш 150 мегаватт оғоз мешавад. Ин неругоҳ бо иқтидори пурраш 370 миллион киловатт-соат қувваи барқ ҳосил мекунад.

Сарвари давлатамон бобати минтақаҳои саноатии Ҷиззах ҳарф зада, дар назди шахсони масъул вазифа гузошт, ки дар моҳи сентябр аз ҳисоби 80 миллион доллар сармоя заводи электромобил ба кор дароварда шавад.

Ин мисолҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки марҳила ба марҳила гузаштан ба «иқтисодиёти сабз» яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди минтақа мегардад.

Эркин ХОЛМАТОВ,
сарвари Раёсати экология ва ҳифзи муҳити зисти вилояти Ҷиззах.
(ЎзА).

Намоишгоҳи «AGROPRO EXPO-2023» барпо шуд

Дар вилояти Самарқанд намоишгоҳи байналхалқии «AGROPRO EXPO-2023» баргузор шуд.

Дар намоишгоҳ беш аз сад иштироккунанда – роҳбарони кластерҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва шуъбаҳои минтақавӣ ширкат варзиданд. Онҳо ашёи агротехникӣ, технологияи кишоварзӣ, системаҳои обёрӣ, инчунин нурӣ, витамин, ниҳол, техникаи замонавӣ ва ғайраро намоиш доданд.

Дар чорчўби намоишгоҳ дар мавзўъҳои рушди соҳаи саноати кишоварзии мамлакат, таъмини молиявии лоиҳаҳо, фаъолияти кооператсионӣ, логистика дар соҳаи саноати кишоварзӣ форум баргузор шуд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.
Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).

БУЗУРГТАРИН КОРХОНАИ ТАВЛИДКУНАНДАИ БАРҚУ ГАРМӢ

Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳи барқи ҳароратӣ» дар ҳамин ҳол 80 дарсади ҳаҷми умумии неруи барқи Ӯзбекистонро истеҳсол мекунад. Чанде муқаддам фаъолияти ин неругоҳ дар соли 2022 натиҷагирӣ ва рақамҳои марбут ба он эълон карда шуд.

Суҳбати мо бо котиби матбуот – мушовири раиси мудирони Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳҳои барқи ҳароратӣ»-и Вазорати барқи ҷумҳурӣ дар масоили иттилоот Муҳаммадҷон Бекмуҳаммадов дар атрофи ҳамин мавзӯъ ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти ин ҷамъият сурат гирифт.

– Корхонае, ки шумо кор мекунед, бузургтарин корхонаи тавлидкунандаи барқ ва ҳарорати гармӣ дар ҷумҳуриамон маҳсуб меёбад. Доир ба дастовардҳои он маълумот медодед.

– Ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ва гармӣ дар соли сипаришуда дастикам 18 триллион сӯмро ташкил дод ва нақшаи солонаамон 103,8 фоиз иҷро гардид, ки нишондиҳандаи баланд мебошад. Агар ин рақамҳоро ба неруи барқ ва неруи гармии истеҳсолнамуда табдил диҳем, 55,5 миллиард киловатт-соат неруи барқ ва 5,35 миллион Гкал неруи гармӣ ҳосил мешавад. Ин ба осонӣ ба даст наомадааст. Ширкатҳои консалтингии байналмилалӣ, аз қабили «McKinsey&Company», KPMG ва Deloitte барои беҳтар кардани вазъи молиявии шабака, баланд бардоштани самаранокии амалиёт ва ташкили системаи идоракунӣ дар асоси принсипҳои эътирофшудаи ҷаҳон ҷалб карда шудаанд ва дар натиҷаи омӯзишҳои пай дар пай як қатор ташаббусҳо ва стратегияҳои рушд таҳия гардиданд.

– Зимни сафарҳои матбуотӣ ба неругоҳҳои барқи ҳароратии ҷумҳурӣ ба мушоҳида расид, ки дар солҳои охир дар баробари истеҳсоли неруҳои барқу гармӣ аз болоравии нарх низ ҷилавгирӣ мешавад ва аҳолии мамлакат низ норозӣ нахоҳад шуд. Инро чӣ тавр шарҳ додан мумкин?

– Дарвоқеъ, соли 2022 арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи мо мутаносибан бо мақсади таъмини истеъмолкунандагон бо захираҳои устувори энергетикӣ, пешгирии болоравии нархи неруи барқ ва гармӣ, кам кардани сарфи сӯзишворӣ, таъмини самаранокии кор дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои хеле пешрафта ва каммасраф дар ҳаҷми 1,36 триллион сӯм коҳиш дода шуд. Нақшаи муқарраршуда 118,3 фоиз иҷро гардид.

– Истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кадом сатҳ қарор доранд?

– Мо дар чаҳорчӯби шаш лоиҳа 256,3 миллион доллари ИМА-ро корбаст намудем ва аз ин ҳисоб нақшаи солона 111,9 фоизро ташкил дод. Ҳоло мо ба воситаи лоиҳаҳои истиқболноки сармоягузорӣ дар шаҳри Тошканд ба бунёди ду агрегати газутурбинии иқтидори ҳар кадоми он 32 МВт машғулем. Инчунин иқтидори неругоҳи барқи ҳароратии Талимарҷонро ҳадди ақал ба 900 МВт хоҳем расонд. Барои татбиқи босамари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷамъияти саҳҳомии «НБҲ» дар ҳамин ҳол бо ширкатҳои «General Electric»-и ИМА, «Mitsubishi Corporation»-и Ҷапония, «Иточу», «Hyundai»-и Кореяи Ҷанубӣ, «Intecsa Ingeniera Industrial S.A.»-и Испания, «AC Boilers S.p.A»-и Италия, ширкатҳои русии «Силовые машины», «Красный котельщик», «Калужский турбинный завод», «Таганрогский котелостроительный завод», «Ленинградский металлический завод» ва Бонки авруполии эҳё ва рушд, Бонки осиёии рушд, Бонки «JICA»-и Ҷапония, Бонки рушди давлатии Хитой аз наздик ҳамкорӣ мекунем.

– Дар робита ба болоравии рейтинги корхонаи шумо кадом омилҳо мусоидат менамоянд?

– Соли 2022 Агентии рейтингии ИМА – «Fitch Ratings», ки ба гуруҳи «Сегонаи калон» шомил аст, рейтинги байналмилалии индикативии Ҷамъияти саҳҳомии «НБҲ»-и моро дар сатҳи «BB-» «Барқарор» арзёбӣ кард ва онро ба рейтинги истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баробар намуд. Ин рейтинг корхонаи моро дар бозори ҷаҳонии сармоягузорӣ ҳамчун корхонае муаррифӣ мекунад, ки соҳиби стратегияи возеҳ ва шаффоф, вазъи молиявии шаффоф ва системаи пурқуввати идоракунии корпоративӣ мебошад.

– Барои ҳар як корхонаву муассисаи истеҳсолотӣ низ мавҷудияти кадрҳои баланд-малакаву соҳибихтисос нақши муҳим мебозанд. Дар «НБҲ» ин масъала чӣ гуна ҳаллу фасл карда мешавад?

– Дуруст қайд намудед. Ҷамъияти саҳҳомии «НБҲ» низ ба сиёсати кадрҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Дар асоси «Харитаи роҳ» барои соли 2022 оид ба бозомӯзии кормандон ва баланд бардоштани тахассуси онҳо дар хориҷи кишвар беш аз 100 нафар ба Олмон, Италия, Русия, Ҷапония фиристода шуданд ва аз мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ кор меомӯзанд ва такмили касбу дониш менамоянд. Гузашта аз ин, ҳудуди 200 нафар дар коллеҷи назди Неругоҳи барқи ҳароратии Навоӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Ҳоло бештар аз 120 нафар мутахассисони ҷавон, ки аз коллеҷҳову донишгоҳҳо фориғ шудаанд, ҷойҳои холии корхонаи моро ишғол намудаанд.

– Доир ба масъалаи татбиқи барномаи маҳалликунонӣ ва кооператсияи саноатӣ дар ҶС «НБҲ» чӣ метавон гуфт?

– Ин масъала аз мо тақозо менамояд, ки корҳои азҳуд кардани таҷҳизот ва қисмҳои барои таъмир заруриро ҳамеша мадди назар дошта бошем. Яъне барои ҷилавгирӣ аз сарфи бештари асъори хориҷӣ мо бояд таҷҳизоти заруриро дар худамон истеҳсол кунем ва натиҷа нишон дод, ки соли 2022 ба маблағи 26,1 миллиард сӯм чунин маҳсулот истеҳсол кардаву нақшаи марбут ба онро 119 фоиз ба иҷро расонидем. Ба ин тартиб, ҳаҷми воридот 16,2 миллион доллар коҳиш дода шуд. Боз ҳамин нуктаро қайд карданиам, ки Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳҳои барқи ҳароратӣ» яке аз калонтарин корхонаҳои андозсупорандаи кишвари мо шумурда мешавад. Натиҷагириҳои соли сипаришуда нишон дод, ки ин ҷамъият ва тамоми соири бахшҳои он ба буҷаи мамлакатамон қариб 2,7 триллион сӯм маблағ ворид намудааст ва ин нишондиҳанда бо гузаштани вақт афзоиш хоҳад ёфт.

– Рӯзҳои сарди ғайримуқаррарӣ нишон дод, ки ҳанӯз мо ба тахдиди чунин сардиҳои ногаҳонӣ чандон омода нестем.

– Ҳадафи мо таъмини устувории истеҳсоли неруи барқ аст ва неругоҳҳои барқи ҳароратӣ ҳамон рӯзҳои ҳавои сард 24 соат бемайлон кор карданд. Аслан ин ҳавои хунуки ғайримуқаррарӣ тамоми давлатҳоро дастпо хӯронд. Хушбахтона, мо тавонистем, ки аз вазъият то андозае бе хисороти ҷиддӣ бароем. Минбаъд корҳои зиёди омодагирӣ сурат мегиранд, ки дар сурати пеш омадани чунин вазъият мо онро муваффақона пушти сар кунем.

– Дар мамлакат татбиқи лоиҳаи «Макони сабз» хеле доман фарох намудааст. Ширкати ҶС «НБҲ»-ро дар ин росто чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Мо ҳамеша аз ташаббусҳои сарвари давлат пурра ҷонибдорӣ мекунем ва лоиҳаи «Макони сабз» низ аз ҳамон шумор мебошад. Дар доираи ин чорабинӣ кормандони корхонаҳои таҳти тасарруфи «НБҲ» дар маҷмӯъ қариб 70 ҳазор ниҳоли дарахт шинониданд. Инчунин нарм кардани заминҳои кабудизоршаванда, тоза кардани партовҳои зиёдатӣ, назорат аз болои обёрӣ барин корҳоро ба сомон расонидем. Соли гузашта дар доираи лоиҳа «Боғи сабз»-и замонавӣ бунёд карда шуд. Ба вуҷуд овардани манзараҳои сабзу хуррам барои саломатии коргарони мо хеле мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина низ мо фаъолона ширкат кардем ва дар 1,5 гектар замин 3 ҳазор ниҳоли иловагии ороишию мевадиҳанда шинондем. Ин раванд мунтазам дар мо давом хоҳад кард.

Суҳбатнигор:
Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ҚАШҚАДАРЁ ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲОИ БУЗУРГ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Алп Техно Сервис» қодир аст, ки дар як сол 120 ҳазор адад телевизор ва монитор истеҳсол кунад. Корхона аз аудити брендҳои JVC, TCL, Zimmer ва дигар гузашта, маҳсулоти худро зери ин тамғаҳои савдо интиқол медиҳад. Соли гузашта ба маблағи 3 миллион доллар маҳсулот ба хориҷ содир карда шуда буд, дар соли ҷорӣ ин нишондиҳанда ба 6 миллион доллар расонда мешавад.

Дар ин ҷо 70 нафар кор мекунад. Ба қарибӣ ҷамъоварии плата ва омода намудани қисмҳои пластикӣ ба роҳ монда мешавад, ки имкони созмон додани боз 30 ҷойи нави кориро фароҳам меорад.

Президент бо намунаҳои маҳсулоти электротехникӣ шинос шуда, ҷараёни монтажро аз назар гузаронд. Бо коргарони корхона суҳбат барпо гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев доир ба рушди иқтисодиёти вилояти Қашқадарё ҷамъомад баргузор намуд.

Дар аввал маросими ба кор андохтани шаш корхонаи нав ба вуқӯъ пайваст. Намояндагони корхонаҳои «Омад старт»-и ноҳияи Қаршӣ, «Китоб ип йигирув»-и шаҳри Қаршӣ, «Бахт текстил»-и ноҳияи Деҳқонобод ва ҳамчунин корхонаҳои «Оқсарой текстил», «Пит-стоп» ва фабрикаи мебелсозӣ дар шаҳри Шаҳрисабз аз тариқи алоқаи видеоӣ дар бораи ҳамин иқтидорҳои тавлидотӣ маълумот доданд.

Роҳбари давлат тугмаи рамзии бакорандозиро пахш намуд ва расман корхонаҳои навро ба баҳрабардорӣ супурд.

Мавзӯи аввали рӯзномаи маҷлис муҳокимаи чорабиниҳо оид ба беҳсозии таъмини энергия дар вилоят гардид.

Соли ҷорӣ, тавре ки интизорӣ меравад, истеъмоли электроэнергия дар вилоят 6,9 миллиард киловатт-соатро ташкил менамояд, норасоӣ метавонад 310 миллион киловатт-соатро ташкил намояд. Бинобар ин қарори алоҳида қабул гардид ва кор бобати таъмини ҳаҷми норасо ба рӯрагӣ шурӯъ гардид.

Аз он ҷумла, дар нақша мебошад, ки 3 неругоҳи барқии офтобӣ дар ноҳияҳои Нишон ва Чироқчӣ ба кор андохта шавад. Дар муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳо ва хонадонҳо панелҳои офтобиро ба иқтидори 76 МВт насб кардан мумкин аст. Таҷдиди хатҳои нақли электр, иваз намудани таҷҳизоти серистеъмоли энергия ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дастгоҳи танзимкунандаи воҳиди 6 дар истгоҳҳои насоси Шоҳканали Қаршӣ насб карда мешавад, ки соле 2,2 миллиард киловатт-соат истеъмол менамояд.

Ин имкон медиҳад, ки 50 миллион киловатт-соат электроэнергия соли ҷорӣ ва эътиборан аз соли оянда 175 миллион киловатт-соат барқ сарфа гардад.

Масъалаи асосии ҷамъомад рушди саноат, дастгирии соҳибкорӣ ва хонакорӣ гардид.

Дар панҷ соли охир ба Қашқадарё 10 миллиард доллар сармоя ҷалб гаштааст. Миқдори корхонаҳо 2,5 маротиба афзуда, барилова 325 ҳазор ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда шуд. Истеҳсолот дар 8 ноҳияи саноаташ заиф 2-3 баробар афзуда, саҳми онҳо дар истеҳсоли саноати вилоят ба 36 фоиз расид.

Соли 2023 ба минтақа ҷалб намудани 1,5 миллиард доллар сармоя ва бо кор таъмин намудани 440 ҳазор нафар аҳолӣ ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат ба масъалаи шуғл эътибори алоҳида нигаронд ва ба имкониятҳои ин самт ишора кард.

Аз он ҷумла, беш аз 6 ҳазор нафар аҳолӣ дар 81 маҳаллаи вилоят бо хонакорӣ машғуланд. Қарори Президенти Ӯзбекистон, ки имзо гаштааст, барои онҳо имконоти васеъ фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, барои соҳибкорон кредити револвери имтиёзнок то 2 миллион сӯм ва қарзи бефоиз то 1 миллион сӯм барои ҳар як шахси ба хонакорӣ ҷалбгардида пешниҳод хоҳад гардид. Онҳое, ки дар шароити хона меҳнат мекунанд, иҷозат дода мешавад, ки ба сифати хонакор расмӣ гардонда шавад ва бидуни пардохти андоз кор кунанд.

Ба шаҳрвандони камтаъмин, ки ба сифати хонакор ҷалб гаштаанд, дар зарфи шаш моҳ кумакпулии иҷтимоӣ пардохта мешавад. Барои хариди таҷҳизот ва ашёи хом субсид дар ҳаҷми то 9 миллион сӯм пешниҳод мегардад. Андоз аз даромад ва аз гардиш, андозаи пардохти иҷораи моликияти давлатӣ барои он соҳибкорон ва кластерҳо, ки хонакоронро ҷалб менамоянд, ду баробар коҳиш дода мешавад.

Аз ҳисоби ин чорабиниҳо боз 20 ҳазор нафар дар 150 маҳаллаи Қашқадарё дар асоси хонакорӣ бо кор таъмин хоҳанд гардид.

Таъкид шуд, ки кластерҳо бояд дар ҳалли масъалаҳои шуғл ва соҳаи иҷтимоии маҳаллаҳо фаъолнокӣ зоҳир намоянд.

Вазифаҳо оид ба беҳсозии таъминоти об, таъмини 10 ҳазор нафар бо кор дар ноҳияҳои Деҳқонобод, Яккабоғ, Шаҳрисабз ва Нишон, парвариши моҳӣ дар 5 ҳазор гектар ҳавзҳои ноҳияи Миришкор муайян карда шуданд.

Ба татбиқи 50 лоиҳа ва ба вуҷуд овардани 2 ҳазор ҷойи кор дар минтақаҳои саноатӣ супориш дода шуд. Инчунин ногузирии ҷалб ва дастгирии соҳибкорон дар татбиқи «нуқтаи рушд» дар маҳалҳо таъкид гардид.

– Дар ҳар як ноҳия потенсиалро ба лоиҳаҳо, лоиҳаҳоро ба ҷойҳои кор бояд табдил дод, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба нокифоии истифодаи зарфияти сайёҳии ноҳияҳои Шаҳрисабз, Китоб, Қамашӣ ва Яккабоғ ишора гардид. Бинобар ин вазифаи афзудани боздидкунандагон аз ҳисоби роҳандозии ҳаракати электропоезд аз рӯи хати «Шаҳрисабз – Қаршӣ – Самарқанд» гузошта шуд. Ин барои рушди сайёҳӣ, савдо ва хидматрасонӣ таҳрики иловагӣ хоҳад гардид.

Дар ҷамъомад ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо, намояндагони насли куҳансол ва зиёиён, соҳибкорон бо пешниҳодҳояшон баромад карданд.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Қашқадарё ба поён расид.

Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
Ӯлмас БАРОТОВ,
хабарнигорони ӮзА.

ХАБАРҲО

ДАР ҚАСРИ «ТУРКИСТОН» – «МАНЗУМАИ ВАТАН»

Ватан чун модар барои ҳар яки мо азизу муқаддас аст. Чун дар васфи модар, дар тараннуми Ватан низ шеърҳои зиёд навишта шудаанд. Гуворотарин таронаву суруд, айни замон, дар мавзӯи Модар-Ватан мебошанд.

Дар ҷамъомади Девони Вазирон аз 13 феврали соли равон баргузории чорабиниҳои маънавӣ оид ба азиздошти Ватан ва мадҳи он дар шеъру сурудҳо чун яке аз вазифаҳои муҳим муайян шуданд. Таҳти ҳамдастии Вазорати маданият ва сайёҳӣ бо як қатор вазорату идораҳои дахлдор дар қасри «Туркистон»-и пойтахт барномаи адабӣ-маърифатӣ таҳти унвони «Манзумаи Ватан» рӯйи кор омад. Баробари шеъру сурудҳое, ки дар тавсифи Ватан садо доданд, хотираҳо дар бораи Абдулло Авлонӣ, Мунаввар Қорӣ Абдурашидхонов, Абдулҳамид Чӯлпон, Усмон Носир ва дигар равшанфикрон, ки намояндаи маърифати ҷадидӣ буданд, хотираҳо баён гаштанд. Баромади шоиру овозхонҳои ҷавон, Ансамбли марказии Қуввоҳои Мусаллаҳ ва дастаи ҳунарии Гвардияи миллӣ, ҳунарнамоии курсантҳои соҳибистеъдод ба ҳозирон таассуроти хуб гузошт.

Дар рӯзи аввали тантанаи идона бо номи «Манзумаи Ватан» мушовири Президент Хайриддин Султонов ва ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Акмал Саидов ҳузур доштанд.

Чунин чорабиниҳо то 2 марти соли равон давом мекунанд.

ҚУЛАЙИҲОИ ТОЗАИ АЭРОПОРТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Барои онҳое, ки шахсони даркориашонро дар аэропорти байналхалқии Тошканд пешвоз гирифтанианд, шароитҳои қулай офарида мешаванд.

Ду толори барҳавои интизорӣ барпо мегардад. Алҳол барои пешвозгиранда ва гуселкунандаҳо дӯкони замонавӣ, қаҳвахона ва дорухона хидмат мерасонад. То охири моҳи март дар ин ҳудуд сохта шудани меҳмонхонаи хурд, ҳаммом, таҳоратхона ва намозгоҳ низ ба нақша даромадааст.

КӮЧАИ УСМОН НОСИР ДАР ТОШКАНД

Хотираи зиёиёне, ки ҳаёти худро ба равнақи илму маърифат бахшида, дар ин роҳ ҷон фидо кардаанд, аз қалби халқ сутурда намешавад. Ба абадӣ гардондани хотираашон ҳукумат низ эътибори ҷиддӣ медиҳад.

Яке аз кӯчаҳои паси бозори Олой воқеъ дар маҳаллаи Амир Темури ноҳияи Юнусободи пойтахт паскӯчаи якуми Амир Темур ном дошт. Бо қарори Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Тошканд он ба номи Усмон Носир гузошта шуд. Ин кор бо мақсади иҷрои банди дахлдори қарори роҳбари давлат аз 10 феврали соли 2022 «Дар бораи васеъ таҷлил намудани 110-солагии шоир, мутарҷим ва драматурги оташқалб Усмон Носир» амалӣ гашт.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

Пеш аз оғози Ҷашнвораи ҳунармандии байналхалқӣ, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ баргузор мегардад, устоҳунармандони вилояти Фарғона аз рӯйи зиёд намудани намудҳои маҳсулоти худ кор мебаранд. Имрӯз мӯъҷизаҳои кулолии авлоди ҳафтуми сулолаи кулолон, академики Академияи бадеии Ӯзбекистон, соҳиби ордени «Фидокорона хизматлари учун» Шарофиддин Юсуфов дар осорхонаҳои машҳури ҷаҳон нигоҳ дошта мешавад. Ш. Юсуфов дар қатори даҳҳо устоёни фарғонагӣ якҷо бо шогирдони худ ба ин ҷашнвора тайёрии пухта мебинад.

Дар сурат: *дар Кӯқанд ба Ҷашнвораи байналхалқии ҳунармандӣ тайёрӣ мебинанд.*

Суратгир:
М. ҚОДИРОВ ӮзА.

ФУРӮШИ ЛӮБИЁИ СУРХИ ӮЗБЕКИСТОН БА БОЗОРҲОИ ЧИН ОҒОЗ ЁФТ

Моҳҳои сентябр-декабри соли 2022 ба бозорҳои Чин 2 ҳазор тонна лӯбиёи сурх содир карда шуд.

Солҳои охир ислоҳоти васеъмиқёси тиҷоративу иқтисодие, ки Ҳукумати Ӯзбекистон татбиқ менамояд, сиёсати нави дастгирии ҳамаҷонибаи содиргарони маҳаллӣ имконият фароҳам меоваранд, дар тамоми гӯшаву канорҳои ҷаҳон харидорони маҳсулоти кишоварзии Ӯзбекистон зиёд шаванд, ҷуғрофияи содироти маҳсулоти мо рӯз аз рӯз васеътар гардад.

Бинобар натиҷаи механизмҳои нави ҳамкорӣ, ки дар байни намояндагиҳои дипломатии Ӯзбекистон муқаррар шудаанд, дар кишварҳои хориҷӣ ва содиргарони маҳаллии мо фаъолнокии соҳибкорони ӯзбекистонӣ дар бозорҳои байналхалқӣ меафзояд, барои мубодилаи доимии ахбор бинобар ҷараёнҳои амалиёте, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба вуқӯъ меоянд, ҳамчунин талабот ба маҳсулот имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд.

Кор бобати содироти лӯбиёи сурх аз ҷониби беш аз 80 содиргарони ӯзбекистонӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Chust O'rikzor» дар вилояти Намангон, «Seven Hills Agro JZ» дар вилояти Ҷиззах, «Gold Zone Fruit» дар вилояти Самарқандро, ки рухсатномаи зарурӣ гирифтаанд, метавон ба сифати чунин ҳамкории бомуваффақият зикр кард.

Хотиррасон менамоем, ки дар ҷараёни сафари давлатии Раиси ҶМЧ Си Сзинпин ба Ӯзбекистон, ки моҳи сентябри соли 2022 ба вуқӯъ пайваст, ҳуҷҷати байниидоравии «Дар бораи талаботи назорат шартҳои карантинӣ ва фитосанитарӣ ҳангоми содироти лӯбиёи ӯзбек аз Ӯзбекстон ба Чин» имзо шуда буд.

АИ «Дунё»,
шаҳри ПЕКИН.

Дар остонаи фасли баҳор дар саросари вилояти Қашқадарё корҳои ободонӣ, тоза кардани рӯду ҷӯйборҳои обгузар аз такшинҳо идома дорад.

ИНШООТИ ОБРАСОНӢ ОМОДА МЕШАВАНД

Дар чаҳорчӯби чорабиниҳои омодагӣ ба кишту кори деҳқонӣ канали магистралии Қаршӣ, ки дар хоҷагии оби вилоят нақши калидӣ мебозад, аз назофот пок мегардад. Аз ин канал ба стансияҳои обкашии М – 2, М – 3 ва «Шӯртан» об тақсим мегардад.

Канали Қаршӣ 105 километр дарозӣ дошта, ба 218 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи панҷ ноҳияи вилояти Қашқадарё, аз ҷумла Нишон, Касбӣ, Қаршӣ, Ғузор ва Косон мунтазам об расонида медиҳад.

Айни замон дар қисмати «Р – 19»-и канал техникаҳои азим ба кор ҷалб карда шуда, зиёдтар аз 4,5 километри он аз такшинҳо тоза карда мешаванд. Ҷиҳати иҷрои ин корҳо 14 нафар коргар мунтазам машғули кор мебошанд, ки барои онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Бояд таъкид кард, ки барои оқилона истифода бурдани об ва афзудани самараи корҳои обрасонӣ дар канали Қаршӣ 7 адад иншоот гидротехникӣ низ аз таъмир бароварда шуданд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар Қашқадарё.

НИҲОЛҲО ПАРВАРИШ МЕХОҲАНД

Дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё соли 2022 дар мавсими баҳор 10 миллиону 312 бех ва дар мавсими тирамоҳ 6 миллиону 319 ниҳоли дарахтони мевадиҳанда, манзаравӣ ва қаламчаву буттаҳои дигар шинонда шуданд, аммо тахмин мешавад, ки 70 дарсади онҳо сабз нахоҳанд гашт.

Дар ин хусус дар нишасти матбуотие, ки саридораи захираҳои табиати вилояти Қашқадарё созмон дод, сухан рафт. Таъкид гардид, ки чорабинии мазкур тибқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ва дастури «Чил рӯзи долузарби кабудизоркунӣ» дар амал татбиқ гардиданд, ки ташаббускори он Президенти кишвар ба ҳисоб меравад. Мақсад аз роҳандозии чунин чорабиниҳо беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат ва ҳифзи табиати нотакрори он мебошад.

Раҳбари саридораи захираҳои табиати вилоят Акбар Эшонқулов ва мутахассисони соҳа дар робита ба корҳои иҷрошуда ва нақшаҳои соли 2023 маълумоти муфассал доданд. Зимни суханронии худ Акбар Эшонқулов гуфт, ки соли 2022 дар шаҳру навоҳии вилоят мувофиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» бояд 16 миллону 356 адад ниҳоли дарахтони гуногун шинонданд. Барои ин дар 2 шаҳри вилоят, 14 ноҳия, 812 маҳаллаи он шинондани ниҳоли дарахтони манзаравию мевадиҳанда ба нақша гирифта шуданд ва дар робита ба хубу босифат татбиқ гаштани ин чорабиниҳо идораҳои мутасаддӣ интихоб, муассисаҳои таъминкунандаи ниҳолҳо муайян шуданд. Ҳоҷагии ҷангал, субъектҳои дигари ниҳолпарвар ва корхонаи пиллапарварии вилоят дар ин шумул буда, барои расонидани ниҳолҳо вазифадор гаштанд. Дар ниҳояти кор соли 2022 16 миллиону 631 адад ниҳол шинонда ва дар платформаи электронии «Макони сабз» дохил карда шуданд. Ҳамчунин, барои ниҳолҳо мувофиқи далолатномаи махсус шахсони алоҳида интихоб ва муваззаф гардиданд. Соли 2023 низ дар саросари вилояти Қашқадарё шинонидани 16, 3 миллион дона ниҳоли дарахтон ва буттаю қаламчаҳои гуногун ба нақша гирифта шудааст.

Аз мутасаддиёни саридораи захираҳои табиии вилояти Қашқадарё пурсида шуд, ки корҳои ниҳолшинонӣ дар авҷ аст, аммо ояндаи он ниҳолҳо чӣ гуна хоҳанд буд? Оё саросар сабз мешавад? Оё маълумоте ҳаст, ки чӣ қадари онҳо талаф ёфтаанд? Дар посух гуфта шуд, ки ба саросар сабз гаштани ниҳолҳои шинондашуда кафолат нест. Зимистони сол басо сард омад ва сардиҳои ғайримуқаррарӣ ба 70 дарсади ниҳолҳо асари бад кардааст. Шахсони масъул ба парвариши ниҳолҳо низ саҳлангорӣ кардаанд. Боз ҳам чӣ миқдоре аз ниҳолҳои шинондашуда сабз хоҳанд гашт, замоне метавон натиҷагирӣ намуд, ки фасли баҳор расидаву табиат куллан бедор гардад.

Таассуфовар аст, ки натиҷаи хидматҳо барабас мераванд ва барои парваришу нигоҳубини минбаъдаи ниҳолҳои шинондашуда неруи корӣ кифоят намекунад. Таъкид шуд, ки панҷ-шаш нафар нозирони ноҳиявии саридораи мазкур на ҳамеша аз ӯҳдаи назорати нашъунамои ниҳолҳо мебароянд. Бояд механизми муассири парвариши ниҳолҳои шинондашуда ҷорӣ гардад. Дар акси ҳол корҳои кабудизоркунӣ дар вилоят самари дилхоҳ нахоҳад дод.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

МИНБАЪД ДАР МАҲАЛЛАҲО БЕКОРӢ КАМ МЕШАВАД

Дар зиндагӣ ҳар як инсон орзу мекунад, ки соҳиби кори доимӣ гардида, дар шароити муносиб меҳнат кунад ва даромади хуб ба даст орад. Агар инсон ҷойи кори доимӣ дошта бошад, дар зиндагӣ бо мақсадҳои бузург умр ба сар мебарад, дар оилааш осоиштагӣ ҳукм ронда, кораш барор мегирад.

Аз ин рӯ, дар маркази ислоҳоте, ки солҳои охир дар кишварамон татбиқ мегарданд, пеш аз ҳама, ғояи неке, ки ба гиромидошти инсон нигаронда шудааст, муҳассам аст. Зеро, дар он ҷое, ки мардум қаноатманданд, баракат, ободӣ, пешравӣ мешавад. Дар ин бобат дар қонунҳое, ки аз ҷониби Палатаи қонунгузорӣ қабул мешаванд, низ манфиати халқ ифода меёбад, ки сазовори эътибор аст.

Агар бигӯем, ки лоиҳаи қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба коҳиш додани ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави ташаккули мувозинати захираҳои меҳнатӣ дар асоси муносибатҳои замонавӣ нигаронда шудааст», яке аз ҳуҷҷатҳои халқпарвар гардид, муболиға нахоҳад шуд.

Сабаб он аст, ки лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси пешниҳоду андешаҳои сокинон дар рафти пурсишҳо бо шаҳрвандоне, ки дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, водӣ, махсусан дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, таҳия шудааст.

Бо ин ҳуҷҷат ба моддаи 408-уми Кодекси андоз дар таҳрири нав тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, миқдори андози иҷтимоӣ барои шахсони воқеӣ, яъне кормандони онҳо, ки ба ғайр аз соҳибкорони инфиродӣ, ки дар маҷмааҳои савдо ва бозорҳо фаъолият нишон медиҳанд, бо дигар соҳибкорони инфиродӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, аз 50 фоизи андозаи ҳисоби базавии ҳармоҳа соле ба миқдори як баробари андозаи ҳисоби базавӣ кам карда мешавад. Инчунин аз қисми дуюми моддаи 11-уми Қонун «Дар бораи хоҷагии наздиҳавлӣ» пешниҳод карда мешавад, ки талабот нисбат ба майдони қитъаи замини соҳиби мулк ё саршумори чорвои калони шохдор ва парандае, ки дар онҳо нигоҳ дошта мешаванд, хориҷ карда мешавад.

Бояд гуфт, ки имрӯз 8458 нафар кормандони кироя дар соҳаи соҳибкории инфиродӣ расман кор мекунанд ва сол аз сол кам шудани шумораи онҳо дар назар аст. Аз ҷумла, дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 501 нафар кам шудааст. Аз ин шумор 2962 нафар дар маҷмааҳои савдо ва бозорҳо ва 5496 нафар дар дигар соҳаҳо кор мекунанд.

Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ, дар натиҷаи қабули лоиҳаи қонун дар соли 2023 аз ҳисоби меъёри сабуккунандаи андози иҷтимоӣ дар ихтиёри андозсупорандагон боқӣ монондани 8,2 миллиард сӯм пешбинӣ шудааст.

Инчунин, агар камаш 10фоизи 714 ҳазор нафар коргарони кироя, ки дар соҳибкорони инфиродӣ ғайрирасмӣ кор мекунанд, бар ивази сабукие, ки ба коргарони кироя дода мешавад, бо кори расмӣ таъмин карда шаванд, ба буҷа 21,4 миллиард сӯм маблағи иловагӣ дохил мешавад. Дар ин бобат таваҷҷуҳи асосӣ на ба воридоти андоз ба буҷа, балки бар он нигаронда мешавад, ки шаҳрвандони ғайрирасмӣ бо шуғли расмӣ таъмин карда, соҳиби собиқаи корӣ гардида, ҳангоми расидан ба синни нафақа нафақаи барояшон мақбулро гиранд. Яъне, ба иҷтимоиёт нигаронда шудани лоиҳа низ муҳим мебошад.

Хурсандиовараш он аст, ки бо ба 9 адад зиёд кардани намудҳои шуғл дар заминҳои наздиҳавлӣ, агар дар як сол як шаҳрванд дар як маҳалла дар 9 самт андози иҷтимоӣ пардозад, дар 9406 маҳалла 84,6 ҳазор шаҳрванд аз намуди фаъолияти ғайрирасмӣ ба намуди фаъолияти расмӣ гузаронда мешавад.

Умуман қабули лоиҳаи қонун ба кам кардани бекорӣ дар маҳаллаҳо ва коҳиш додани ҳисси шуғли ғайрирасмӣ ва зиёд кардани ҳиссаи шуғли сектори расмӣ хидмат мекунад.

Мухторҷон ҲОҶИМАТОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Ҳоло қариб аз 190 ҳазор нафар аҳолии ноҳияи Шофиркон 47 ҳазору 487 нафарашон ҷавонони 14-30-сола мебошанд. Барои таълиму тарбияи онҳо 56 таълимгоҳи умумӣ, 2 техникум, коллеҷ ва муассисаи касбу ҳунар, ду мактаби мусиқӣ, мактаби варзишии бачагону наврасон, мактаб-интернати ихтисосонидашудаи футбол, маркази «Авлоди баркамол» фаъолият дорад.

БИНОИ НАВИ «МАРКАЗИ ҶАВОНОН»

Шуъбаи ноҳиявии Агентии кор бо ҷавонон, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҷавонон масъул аст, ҳоло соҳиби бинои маъмурии худ гардид. Ин ташкилот то қарибиҳо дар хонаи ҷудогонаи шафати ҳокимияти ноҳия кор мебурд. Ниҳоят, аз бинои техникуми технологияҳои хоҷагии қишлоқи ноҳия якчанд хона ҷудо гардида, баъди таъмири асосӣ ва харҷи 650 миллион сӯм маблағ аз ҷониби корхонаи «Турон ирригатсия» бино намуди замонавӣ гирифт. Бо мақсади мазмуннок гузаронидани вақти холии ҷавонон ҳоло дар ин ҷо маркази технологияҳои ахбор, китобхона, толорҳои хабарнигорони ҷавону бозии интеллектуалии «Заковат», хонаҳои шоҳмоту шашка ва майдончаи варзишии веркаут омодаи қабул аст. Дар маросими кушодашавии «Маркази ҷавонон» мутасаддиёни ҳокимияти ноҳия, намояндагони гурӯҳи кории ҷумҳурӣ, ҷавонон иштирок карданд. Баъди бурида шудани лента ҷамъомадагон ворид бино гашта, бо имкониятҳои он аз наздик шинос шуданд. Бешубҳа, ин марказ ба маскани дӯстдоштаи ҷавонони ноҳия табдил меёбад.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Дар намоишгоҳи бахши қароқалпоқистонии Академияи бадеии Ӯзбекистон кори эҷодии рассомони қароқалпоқ бо номи «Зимистони нукрагин» намоиш дода мешавад. Дар намоишгоҳ кори эҷодии беш аз 20 нафар соҳибони мӯйқалам ҷой дорад. Дар картинаҳо асосан манзараҳои ба худ хоси фасли зимистон, таносуби инсон бо табиат дар жанрҳои гуногун акс ёфтаанд. «Зимистон», «Бойсун», «Натюрморти зимистон» ном асарҳои Рассоми халкии Қароқалпоқистон С. Бойбосинов, «Портрети фаромӯшношуда»-и Қ. Хӯҷамуродов, «Шоми зимистон»-и Ҷ. Абатов ба тамошобинон таассуроти хуб мегузоранд. Намоишгоҳ муддати як моҳ идома меёбад.

***Дар сурат:** лавҳа аз намоишгоҳ.*

Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

РАИСИ НАВ ИНТИХОБ ШУД

Дар қасри фарҳанги деҳаи Варзики ноҳияи Чуст интихоботи ғайринавбатии раиси ҷамоати шаҳрвандони Қалъаи Поён баргузор шуд.

Чорабиниро сардори шуъбаи дастгирию рушди маҳалла ва нуроniёни ноҳияи Чуст Давронбой Аралов кушода, таъкид намуд, ки раиси маҳалла бояд аз зиндагии мардуми камбизоат, касони яккаю танҳо, бекорон, беморон, муҳтоҷони маҳалла хабар дошта бошад, ба онҳо дасти ёрӣ дароз кунад, шабу рӯз бо дарди аҳли маҳалла умр ба сар барад. Ӯ шахсе бошад, ки сиёсату талаби давлатро ба халқ дуруст маънидод кунад.

Масъули комиссияи интихобот Ғайратҷон Ҳакимов шарту роҳҳои гузарондани интихобот ва тарҷумаи ҳоли номзадҳоро ба интихобкунандагон шарҳ дод. Бо овозҳиҳии пинҳонии аксарияти интихобкунандагон Камолхон Нуриддинов раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қалъаи Поён интихоб шуд.

Ш. МИРЗОЕВ.

Ноҳияи Чусти вилояти НАМАНГОН.

Кони «Учқулоч» ҳанӯз соли 1979 дар ҳудуди ноҳияи Фориш кушода шуда, ба истихроҷи филизоти қӯрғошим (сурб) ва дигар сангҳои қиматбаҳо оғоз намуда буд.

КОНИ ФИЛИЗОТ ДУБОРА БА КОР ШУРӮЪ КАРД

Дар як сӯ сехе ташкил карда буданд, ки ба майдакунии сангу харсангҳо ихтисос ёфта буд. Барои он ки харсангҳои дорои филизот ба Комбинати маъдани кӯҳии «Олмалиқ» расонида шаванд, аз ин ҷо то Олмалиқ роҳи оҳан сохта шуд.

Барои будубоши коргарон дар наздикии кон шаҳрак низ бунёд карда буданд. Аммо як муддат истихроҷи филизот дар кони мазкур якбора қатъ гардид. Кон батамом аз кор монд.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми сафар ба вилояти Ҷиззах, ки 10 феврали соли ҷорӣ ба вуқӯъ пайваст, масъалаҳои марбут ба истиқболу пешомадҳои саноатиро баррасӣ кард. Дар ин асно ба кор андохтани кони филизоти «Учқулоч»-ро ҳам пешниҳод намуд. Ба мутасаддиёни соҳа дастур дод, ки дар ин самт корҳоро оғоз бояд кард. Барои ин 200 миллион доллар маблағ аз ҷониби сармоягузорон ҷалб гардидааст. Дар сурати ба кор даромадани кони «Учқулоч» 600 нафар соҳиби шуғли доимӣ мегарданд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

КУМАК БА КӮДАКОНИ ИМКОНОТАШ МАҲДУД

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода якҷо бо Ассотсиатсияи байналмилалии политсия ва Шӯрои ветеранҳои ҷанги Афғонистон ба мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони имконияташон маҳдуд рафта, дар чорабинии расмкашии онҳо иштирок карданд. Баъди барномаи консертии кӯдакон мусобиқаи расмкашӣ баргузор ва ҷамъбаст гардид. Сафир ба ғолибон ва иштирокчиён туҳфа супорида, онҳоро бо дастовардҳояшон табрик намуд.

(Мухбири худамон).

Юнуси ИМОМНАЗАР

ЧАШМИКОРДОН

(Ҳикояи воқеӣ)

«Худоро шукр, офати куруно пушти сар монд, сари вақт ба ҳама кор мерасем,– паси мизи корӣ нишаста аз хаёл мегузаронд Исо. – Беҳуда нагуфтаанд, ки оҳанро дар гармиаш кӯб, агар мисли паймонкорони дигар беғам гашта расани корро суст мекардам, яқинан ҳоло ман ҳам ба доми курунои фарогир меафтодам ва чизе дар даст надоштам».

Аз қаҳваи финҷон як қулт хӯрд. Андешаҳо пасу пеш дар фазои зеҳнаш давр мезаданд. Чизе ҷуз муҳтавои тарҳи нави корҳои обрасонӣ, ки зери дасташ буд, ба хаёл намеомад. Гӯё дирӯзакак ҳамроҳи ҳайати боздидкунанда шароити зисти рустоҳои дурдасти минтақаи саҳроиро бо чашми худ дида баргашт. Зиндагии сахт, имконоти кам ва бештар аз ҳама, набудани оби тоза ӯро ба риққат овард. Албатта, ҳар як оила дар ҳавлии назди дарича чоҳи об дошт ва аз он ҳам барои хӯрдан, ҳам барои шустушӯ истифода мекарданд, аммо чӣ обе?! Шӯру часпанда, тираю гилолуд! «Мо сӣ сол боз аз ҳамин об мехӯрем», мегуфт зани муштипаре, ки аз ҳама пеш ҳолати зисташро нишон медод. Он замон дар назди ҳайат ҳокими вилоят қавл дода буд: «Якуним соли дигар ба дари ҳар яки шумо оби тоза меояд, ин рӯзҳоро фаромӯш хоҳед кард!».

Исо қаҳваашро то охир нӯшид. Яксола корҳои анҷомдодаи ширкати худро чун навори филм аз мадди назар гузаронд. Қариб, ки ба ҳадафи ниҳоӣ расидааст, дар ҳама бахш – чи барқию механикӣ, чи лӯлагузорию махзансозӣ, чи эҳдоси манбаъҳои ҳавоӣ ва лӯлакашиҳои хонаҳои маскунин рӯйи ғалтак аст, аммо... кори сохтмонӣ мелангад. Паймонкори дасти дувум, ки бо хоҳиши корфармо ба кор ҷалб шуда буд, сари ӯ кулоҳ гузошт. «Эҳ Муҳаммад, то чӣ ҳад одами бадқавл ҳастӣ ту! – Исо дандон ғазид, базӯр ғазаби худро фурӯ бурд. – Шаш моҳ аст, ки имрӯзу фардо мекунӣ. Ба коргарони дуруст дорию на дастгоҳу мошинолоти рубароҳ, кошикорию ҳисорсозию нозуккориҳо ҳеч, ҳатто роҳравҳоро анҷом надодай!». Беирода гӯшаки телефонро ба даст гирифт ва рақам чид.

– Бале, оқои Баҳодур, бифармо, – дарҳол шунида шуд садои сарпарасти коргоҳ Ҳадод.

– Муҳаммад чӣ кор кард?

– Ҳамон Аҳмади порина, – ҷавоб дод Ҳадод,– ҳафт коргоҳ аз дасти вай бечора аст, на коргар изофа кард, на мошин. Ҳатто масолеҳи сохтмонии овардааш кофӣ нест. Вазъият хароб, оқои Баҳодур, бояд корро аз ӯ бигирем, вагарна ҳама талошамон бар ҳадар меравад, иҷрои тарҳ қафо мемонад.

Исо бо тааммул гуфт:

– Бо ӯ суҳбат накардӣ, барномааш чӣ аст?

– Суҳбат фоида надорад. Худат медонӣ, даҳ бор тааҳҳуд дод, шифоҳӣ ҳазор бор қавли мардонагӣ дод, вале аз сари ҳама ваъдаҳояш об рехт, ҳеч коре намекунад. – Ҳадод бо изтироб сухан мегуфт, равшан буд, ки аз дасти паймонкори сохтмонӣ сахт азият кашидааст. Яке бо садои баландтар афзуд: – Дар воқеъ, аз ман дархости пул карда буд, ман қабул накардам. Мехост ба офисамон ба Тошканд равад, наомад?

–Не. Ҳоло ту аз пайи нақшаҳоят шав, ба ҳама кор суръат диҳед. Вақт кам мондо-о, Ҳадод, беғам нагардед. Бубин, ба бахти мо зимистон ҳам мисли баҳор омад, бичунбед тезтар! Мефаҳмӣ гирифтааст. Аз миён шаш моҳ гузашт, бо ин пул ман хеле зудтар корро ба сомон мерасондам, вале ин...

– Исто, бародар, – дар миёни сухан ҳарф зад Исо, – аввал бигӯ, ту бар чӣ асосе мехоҳӣ раҳбарии ширкати Муҳаммадро ба уҳда бигирӣ?

Зафар пӯшаи дасташро боз кард ва аз он як барг коғази муҳршударо берун кашида, дар назди Исо гузошту гуфт:

– Ин номаи муаррифии ман аст.

– Бубин, муҳлати қарордодатон ба поён расидааст, ту маро, то моҳи май бояд об диҳем ба мардум!

– Ҳатман! Фақат сохтмониро яктарафа кун худат, ба ӯ дигар ҳеч итминон намонд. Забони корфармо биафтад, ки ба мо ин балоро таърифу рӯ ба рӯ кард!

– Ором, ором бош, Ҳадод, корфармо тақсире надорад инҷо. Худам ба ин мавзуъ расидагӣ мекунам, нигарон набош! Феълан, Худо ҳофиз!

– Хайр!

Исо гӯшаки телефонро нагузошта, муншӣ дари утоқашро кушод. Гуфт:

– Оқои Баҳодур, меҳмонон аз Бухоро омаданд, бо шумо кор доранд.

Номаша гиру гӯшаша каш, Исо дарҳол пай бурд, ки ин меҳмонони нохонда ҳамон ташнаҳои пул ва бекорҳоҷаҳо ҳастанд – паймонкори дасти дувуми сохтмонӣ. Бе истиҳола гуфт:

– Бигӯ, дароянд.

Дар ҳақиқат, Муҳаммад буд. Ин дафъа ӯ танҳо намеомад, ҳамроҳаш марди миёнаҳади сиёҳҷурда низ аз ӯ пештар қадам гузошта, дохили утоқ шуд. Исо то ҳадде аз дасти онҳо дилхур буд, ки ҳатто аз ҷо начунбида, бо овози кам салом гуфт ва ишора кард, ки рӯ ба рӯ аз ду ҷониби мизи пазирӣ нишинанд. Дастони Муҳаммад меларзиданд, гирди чашмонаш бод карда буд, нигоҳашро гурезонда аз паси рафиқи худ ба курсии самти рост гузашт. Мисли ин ки базӯр лабханд мезад, худро хушҳол нишон дода ба сухан омад:

– Ин кас ака Зафар, раҳбари мо ҳастанд. Аз ин пас масъулияти ширкатамонро ба уҳда мегиранд.

Исо таъҷуб кард. Дар нисфи кор ба ин қарор омадани паймонкор чӣ маънӣ дорад? Он ҳама додугирифте, ки ба исми Муҳаммад тамом шудааст, чӣ хел талофӣ мешавад?

– Барои чӣ? – пурсид ӯ.

Муҳаммад сар ҳам кард. Ба ҷойи ӯ марди ҳамроҳаш гуфт:

– Оқои Баҳодур, ин номард на танҳо шуморо, ҳатто маро низ фиреб дод. Мо бо ҳам шарик будем, аммо то имрӯз намедонистам, ки аз ширкати шумо ин қадр пул ҷӣ хел мехоҳӣ корро идома диҳӣ? Магар Муҳаммад нагуфт?

– Медонам, оқо, мо ки бародар ва аз ҳаммазҳаб ҳастем! – хандаи нозебе кард Зафар ва Исо низ бештар ба ҳайрат омад. – Ман аз эронихои бухорӣ ҳастам, гузаштагонам аз Эрони шумо омадаанд. Дар мазҳаби мо фиребу дурӯғӣ нест, худат хуб медонӣ. Ё ҳарфам нодуруст аст?

– Бародар, ман на ба мазҳаб коре дораму на ба кишвар. Дар ин ҷо ҳам шараф ва ҳам номуси мо кор аст. Банда як уҳдадорӣ дар назди ин мамлакат дорам ва то се-чор моҳи дигар бояд ба мардуми сахрӣ, ки чандин сол рӯйи оби ошомиданиро надидаанд, оби тоза диҳам. Ман номаи фасхи[1] қарордодро бароятон фиристода будам, ҳоло ки бо пойи худ омадед, баённома менависему қарордоди дуҷонибаро бекор мекунем. Шумо ҳам осуда ба роҳи худ равед, ман низ корамро бо ягон ширкати дигар идома диҳам.

Муҳаммад дар ҷойи нишаст тоб меҳӯрд, мисли саги сӯзанзада наметавонист ором бишинад. Чашмони сурхшудааашро, ки иллати он касолат мавҳум буд, ба Исо дӯхта, шигифтзада гуфт:

– Мо ҳанӯз кори ончунон анҷом надодаем, пулатонро аз куҷо пас медиҳем?...– Муҳаммад мехост бештар шарҳи ҳол гӯяд, аммо Исо дар миёни суханаш зад:

– Хуб, ин тақсири ман нест, бояд пас диҳӣ! Кори давлат ба шумоҳо бозӣ аст? Ҳар гузашт ҳадду меъёре дорад, ман дигар наметавонам бароятон фурсат диҳам, дигар бовар ҳам надорам.

Зафар аз ҷо баланд шуд, ду даст ба рӯйи сина гузошта, каме бо таъзим арз кард:

– Оқои Баҳодур, илтимос, аз хуни мо гузар. Ба хотири ҳамкешию ҳамшаҳрӣ буданамон ба ман як бори дигар имкон бидеҳ. Худо болои сарамон гувоҳ, агар корҳои сохтмониро то се моҳи дигар анҷом надиҳам, ҳар чӣ мехоҳӣ бикун! Ман омодаам ҳар гуна шарти туро бипазирам, фақат боз як бор бо мо роҳ биё, илтимос!

Исо ба Муҳаммад рӯ овард ва пайи ҳам суол кард:

– Ту симон дорӣ?

– Не.

– Шину моса[2] дорӣ?

– Не.

– Кошӣ харидӣ?

– Не.

– Ҷадвал[3]-чӣ?

– Надорам.

– Барои сохтмонҳои идории ҳафт коргоҳ чиҳо дорӣ?

– Фақат тунукаю хишт.

Исо медонист аз ин маводу масолеҳ дар коргоҳ чизе нест, аммо ҳамеша бо он анҳусусии мост, ки маҳз ба хотири тарҳи шумо боз кардем. Агар пул бирезӣ, ман дарҳол маоши коргаронамро медиҳам ва дар зарфи як ҳафта тамоми масолеҳи лозимаро таҳия мекунам, дар ҳар як коргоҳ микдори коргаронамро ба бист-сӣ нафарӣ мерасонам!

Исо қадамзанон то назди тиреза омад. Дурудароз ба берун чашм дӯхта истод. Дар шохаҳои ягона дарахти хурмолуи ҳавлӣ се ҷуфт мино ҷоивазкунон ба ҷони ҳамдигар мерасиданд. Яке ба паҳлуи рафиқаш нӯл мезад, он нӯлхӯрда парида ба гардани ҳамтои дигараш нӯл мехалонд ва ҳамин тавр нӯлзаниҳо идома меёфту ҳеч кадом аз доираи бозӣ дур намерафт. Аз ин шӯхии мурғакон хушаш омад, чеҳраи ахмуяш боз ва бо табассум табъаш болида гардид. Дубора ба назди меҳмонҳо баргашт ва бо садои гиро гуфт:

– Зафар, ман дигар ба Муҳаммад як сари мӯ бовар намекунам, аз ин пас ҳама умедам ба туст! Бароятон на як ё ду ҳафта, балки як моҳ фурсат медиҳам. Дар ин муддат корҳоят бояд бичархад, тамоми масолеху маводи лозимро бихар ва ҳамзамон дар ҳафт коргоҳамон коратро ба пеш бар. Бубин, ман ба қавлу қарори ту бовар кардам, маро дигар фиреб надиҳед. Фардо, ки ба Бухоро расидӣ, ба дафтари фаннии[5] мо даро, ҳисобу китобатро дақиқ кун ва ба миқдори пуле, ки ба ман бедеҳкор[6] ҳастед, як забонхат навишта фиристон, бо имзо ва муҳри ширкатат. Ба маҳзи ин ки ман он забонхатро дарёфт кардам, ба ҳисобат тайи муддати як соат пул ҳавола мекунам. Қабул?

Зафар хушҳол шуд, Муҳаммад аз ӯ бештар.

– Ин муҳаббати туро асло фаромӯш намекунам, оқои Баҳодур, ту ҷони одам ҳастӣ, ташаккур! – гуфт Зафар ва ҳар ду пушти ҳам бо эҳтиром дасти Исоро гирифта, ба такрор изҳори сипосу мамнуният намуданд ва бо хайрухуши кӯтоҳ коргоҳро тарк карданд.

Исо умедвор аз пушти онҳо нигарон монд.

***

Гул бе хор намешавад ва шодӣ низ дар ин бозор беғам нест. Исо пас аз як моҳи нақд яқинан донист, ки ҷомеаи одамон ҳам бе фиребкору ҳуккабоз буда наметавонад. Баробари гузарондани пули дархостнамудаи Зафар, Исо қарор кард рафти корҳои сохтмониро худаш пурра таҳти назорат гирад. Вале гапи хона ба бозор рост наояд, чиро бояд назорат кунад, ки ду-се рӯзи аввал, ҳафтаҳои аввал ва ниҳоят, як моҳ аз байн гузашту на танҳо Зафару Муҳаммад, ҳатто коргарони башумури коргоҳии онҳо низ як-як аз миён ғайб заданд. Аз паймонкор на хабар монду на пай. Зафар ва ҳамраҳонаш на сару кӯли худро нишон медоданд, на ба телефонҳои Исову масъулони коргоҳ ҷавоб мегуфтанд. Вой дод, «омад ба сарам аз он чӣ метарсидам!».

(Давомаш дар саҳ.4).⇨

АНДЕША ВА РОЗҲО

Дар бораи он чизе, ки намедонем, беҳтараш, нанависем.

***

Асари санъате, ки бадеияташ суст аст, ба хӯроки бенамак монанд аст. Ба хӯроки фач каме намак андохта, истеъмол намудан мумкин. Вале дар боби санъат наметавон ин корро кард.

***

Қалами нависанда бояд барои абадият хидмат кунад. Дар акси ҳол, навиштаҳояш дардҳӯрди мардум намешаванд.

***

Муллое дар ҷанозае вазъ мехонд, ки Худо ба худаш одамони неку наздикро ҳамроҳ мегирад, яъне гулчин аст...

Шахси шӯхтабиате, ки дар ҷамъомад ҳузур дошт, ба мулло гуфт:

– Муллои муҳтарам, худи шумо чӣ гуна касед, як фаҳмем?

– Ман ба Худо одами наздикам, – фавран посух дод мулло.

– Охир, наздик бошед, барои чӣ дар байни мо гаштаед, тезтар ба пешаш равед?

– Паймонаи ман ҳанӯз пур нашудааст, сониян ҳар кор вақту соат дорад, – гуфт мулло шалғам барин суп-сурх шуда.

***

Сухани лофу дурӯғ ба мисли кафки собун аст, онро ҳар қадар пуф кунед, ҳамон қадар калон мешавад.

Вале бо ин ҳама бузургӣ дер намепояд, зуд кафида нест мешавад.

***

Агар донем, ки комёбиамон боиси нокомии дигарон мегардад, бояд аз он даст кашем.

***

Коғази тозаи сап-сафед аз ҳар рӯз қитирқитир нависонависи қалам ба риққат омада, арзи шикоят кард:

– Рӯйи шукуфону қалби поки маро хира карда, чӣ менависӣ?

Қалам ин суханони коғазро бо таҳаммул шунида, оҳи бадарде кашид:

– Дуруст гуфтӣ. Навиштан – шуғли ман. Худованди карим ба ман ҳамин касбро ато кардааст. Рӯзе сатре нанигорам, сабру қарорамро гум мекунам.

– Бо вуҷуди он, чӣ менависӣ? – мароқ зоҳир намуд коғаз.

– Орзуву армон ва дарду доғи халқро қисса мекунам. Гарчи қалби туро сиёҳ мекунам, ба ту умри дубора мебахшам. Ту акнун коғази одӣ нестӣ. Одамон туро хонда, эҳтиёт мекунанд. Дар саҳифаҳои таърих абадулабад боқӣ мемонӣ... Аммо ман аз нависонавис адо мегардам, – маъюсона арзи ҳол намуд қалам.

Солеҳ САИД МУРОД.

Шариф ХАЛИЛ

ҲИКОЁТИ МУЪҶАЗ

Фарзанд

Модари пираш офтоби сари кӯҳ ...
Вай дар Маскав...
Парастори пиракиест.

Зимистони гарм

Вақте ҷой наёфта ночор ба хонааш омадем, хунук буд... нигоҳи ҳамшаҳрӣ.

– Рафтем, зимистон бошад ҳам, кӯча гармтар, – аз остинам кашид ҳамроҳи ман.

Баъд аз панҷоҳ сол

Падаре дар назъи ҷон... ба фарзандон васият кард:
– Вақте мурдам, гириставу ба тоҷикӣ навҳа кунед.
Навҳагаре ёфт нашуд!

Ватан

Ҳазрати Ҷабраил омада, ки амонатеро пеши Худо барад.
Муҳоҷир...
Як вожа нӯки забонаш: Ватан!

Модари муҳоҷир

Тифли навзоди ӯ дар Ватан.
Эҳтиёҷ...
Вай парастори як кӯдаки рус... Аз дарди синаҳои сершир вуҷудаш дар оташ таб месӯзад.

Эътироф

«БА МАЙДОНИ СУХАН БО ШЕЪРИ ТАР БАРХЕЗ»

Шеъре, ки дар он накҳати маънии ноб нест,
Чун гули коғазист, к-андар он гулоб нест.
(ХОҶА.)

Бо такя ба таърихномаву тазкираҳои қадим ёдовар мешавем, ки ба майдони фарохи адабиёти форсии тоҷикӣ бисёр ҷавонҳои тавонманду ташнаи шеъру шоирӣ бо дӯшбори орзуву ормонҳо ба марказҳои тамаддун рахти сафар баста, коми дил ба даст овардаанд. Ҳарчанд аксарияти онҳо бо маҳдудиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, зиддиятҳои сиёсӣ, шарту шароити вазнин пайвандии ҳамешагӣ доштанд, иқболу истиқболи дурахшонашонро аз ҷаҳду ҷадалҳо, мардиву матонат, навҷӯиву навгӯиҳо дарёфтаанд. Чунин қисмати пуршараф ба Устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлавии Балхӣ, Ҳофизу Хайём, Синову Саъдӣ, Ҷомиву Бедил, Айниву Туғрал ва садҳо тани дигар насиб гаштааст.

Шукру сипос, ки ҷавонадибони солҳои 60-70-уми асри гузашта, алалхусус қаламфарсоёни солҳои аввали истиқлолият, дар шароит ва муҳити адабии нисбатан беҳтару созгортар, дар партави сиёсат ва мафкураи нав, озодии фикру андеша ба камол расида, хазинаи маънавии адабиёти моро ғанитар мегардонанд.

Тақрибан сӣ сол муқаддам шоир Хоҷа аз ватани Сайидо ба Самарқанди қандманд омада буд.

Хоҷаро ман ҳамчун шоири рангинхаёл, файласуф, ҳаққӯву ҳаққӯ, хоксору поксиришт то андозае кашф кардаам. Аз вожаву ибораҳои тоза, бадеияти хоси андеша, сабки нигориши нимой, ғазалу рубоиёти хушоҳанги суннатии ӯ бармеояд, ки дар ҷодаи суханвариву гуҳарфишонӣ комёб гардидааст. Худро дар маркази Вақту Фазо мебинад ӯ. Дар киштии ишқ ба васли маъшуқ андаруни уқёнуси пурталотум шитоб ҳам дорад.

Ба қавле, тарзи сухани Ҳофиз дорад. Аз ашъори рӯҳпарвар, исёнгар ва дилошӯби Хоҷа накҳати осори Муҳаммад Иқбол, Нимо Юшиҷ, Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод ҳис карда мешавад. Формулаи лирикаи Хоҷаро метавон «Фалсафа дар шеър, шеър дар фалсафа» номид. Қариб мисрае нест, ки аз ин қоида берун бошад.

Маро ҳини иншои достони «Ҳурмузд ва Аҳриман» ба манбаъҳои таърихӣ, шахсият ва осори Зардуҳушт эҳтиёҷе пайдо шуд. Аз навиштаҳои олимон ва адибони варзида, мақола ва гузоришоти марбути ин мавзӯъ ҳаддалимкон баҳраи маънавӣ бурдам. Шеъри «Сурӯши рӯҳи худии Зардушт»-и Хоҷа низ тасаввуроти маро равшантар намуд.

Шоира ва олимаи фарҳехтаи диёр Дилшодаи Ҳазратқулиён дар мақолаи тадқиқотии хеш «Шоири ормонҳои булӯрини бошаҳомат» («Овози Самарқанд», 26-уми октябри соли 2022, № 88) чунин менависад: «Хоҷа дар андеша ва тасвир амиқраву фародав аст ва дар майдони фарох аспи андешаҳоро ҷавлон медиҳад». Воқеан, корбасти вожаю ибораҳои «жарфҳои сукут», «жарфандешу улвикеш», «майхонаи ишқ», «садои барқи лабханд», «оби лутфи лаб», «абри кофар», «деви шаб», «хоби сангини халқ», «пеши пойи офтоб», «шаби рӯъёӣ», «чашмҳои нозуки эҳсос», «рӯъёи бедорӣ», «устураи фаввора», «ишқи ҳақ» ва ғайра далели он аст, ки вусъати тахайюлоти бадеӣ бо тасвири фалсафии мавзӯъ дунёи ботинии қаҳрамони лирикии («ман»-и шоир) Хоҷа ба ҳам омехта, «портрет»-и мукаммали ҷузъи ҳаёту зиндагии инсон, халқ, ҷамъият ва табиатро пеши назар меоварад:

Мурғи сапедадам
бо бонги субҳхез,
бар аҳли хуфта медиҳад пайк аз сапедадам,
Дар рӯзи растахез,
Ҳон! Хуфтагони олами шеъру ҷаҳони ишқ,
Дар маърази гӯшу дили пур аз зуломи зарқ,
Бонги каломам мерасад ҳамчун хурӯши раъд,
Тири шиорам мепарад ҳамчун ҷаҳиши барқ!...

Бинед, ки шоир як рӯйдоди хурди рӯзгори воқеиро чӣ гуна зебо, хотирмон ва муассир ба риштаи шеъри нимой мекашад.

Ё шеъри «Майи ишқ»-ро бигирем:

Ту, эй зан, бодаи ишқӣ!
Булӯри пайкаратро об кун чун бодаву
дар ҷоми қалбам рез,
Ки ман чун ошиқи махмур,
Туро то қатраҳои охирин
чун май биошомам!...

Бо эътимоди қавӣ бояд гуфт, ки Хоҷаи закитабъ аз мактаби ғазалсароии Ҳофизи Шерозӣ дарси ибрат гирифтааст:

Эй зи асли одамӣ берун туро идрок нест,
Каъбаву бутхона ҳеҷ аст, ар туро дил пок нест.

***

Гул ба каф соғар гирифту мо чаро бесоғарем,
Бояд аз пири муғон бар даст соғар оварем.

Аз рубоиҳои Ҳаким Умари Хайём гӯё акси садои Хоҷа танинандоз мешавад:

Дар решаи ток оби оташнок аст,
В-аз он ҳама шӯр дар дили афлок аст.
Зинҳор магӯ, ки май ҳаром асту мубоҳ,
Гар марди ҳаким хурад ҳалолу пок аст.

Аз назару андешаҳои сатҳии мо бармеояд, ки фурсати таваҷҷуҳи ҷиддиву амиқи илмӣ нисбати навиштаҳои шоири даҳиқсухан кайҳо расидааст. Ҳар як падидаи ҷолиби адабӣ бояд ба риштаи омӯзиш ва тадқиқот кашида шавад. Ин ба фоидаи рушди накди адабии муосир, пешрафти падидаҳои эҷодии суханварони давр хидмат мекунад. Зеро ба қавли Хоҷа «ба майдони сухан бо шеъри тар» бархестан кори осон нест. Тозабаёниву бозёфтҳои арзишманди эҷодии ҳар як суханвар, билхоса шоирони навҷӯву навгӯ, шоёни эътирофу дастгирист.

Дар бораи мақому манзалати ашъори шоири худшиносу худошинос чандин суханшиносони маъруфи кишвар аз қабили Султонмурод Олим, Ҳазрат Сабоҳӣ, Садрӣ Саъдиев, Чумъа Ҳамроҳ ва дигарон ибрози андеша кардаанд.

Камолоти маънавию эҷодии дӯст ва додари арҷманд Хоҷаро самимона пазируфта, мехоҳем, ки дар ҷодаи сухангустарӣ солҳои тӯлонӣ комёб бошад. Навиштаро бо овардани шеъре бо номи «Саҳнаи сояҳо» аз китоби тозанашри ӯ – «Аз ишқи ту то ишқи Ҳақ» хусни хотима мебахшам:

Як зумра одамон ба мисли нақши рӯйи об,
Дар саҳнаҳои зиндагӣ тимсоли соянд.
В-он одамони бенишон, гӯй дар ин ҷаҳон,
Тасвири нақши хешро, чун лаҳзаи хаёл,
Дар ойина мебингаранду ғайб мезананд.
Дар саҳнаи ҷаҳони ҳастӣ иддае дигар
Тасвири қурси оташини Офтобро
Дар лобалои чашмҳои хеш,
Дар рӯйи ойина
Чун оташи дӯзах диданду сӯхтанд
аз шиддати висол.
Тасвири Коинотро
Бо моҳу ахтарони шаб.
Дар ойинаи оби баҳри беканори даҳр,
Як зумра одамон бидиданду шуданд лол...

Нормурод КАРИМЗОДА,
узви Иттифоқи
нависандагони Ўзбекистон.

ТОҶИКДУХТАР ДАР ФИЛМҲОИ ЎЗБЕКӢ

Илмира Раҳимҷонова бо образи лӯлидухтар Марям (аз сериали «Чархи фалак») маъруфият пайдо кард. Ӯ инчунин дар «Забарҷад», «Девори иблис», «Чаёнгул», «Соҳили пазмонӣ», «Санчишҳои муҳаббат», «Ойдиной», «Фариштa», «Ду ҳазор суруди Фарида» барин филмҳои миллӣ нақшҳои ҷолиб офаридааст. Дар тақдимоти «Эътироф–2016» вай «Беҳтарин киноактрисаи сол» шинохта шуд. Баъдтар низ якчанд мукофотро барои хидматҳои шоён дар соҳаи кино ва офаридани образҳои ҷолиб ба даст овард.

Илмира (номи аслиаш Мунира) зодаи деҳаи Бурҷимуллои ноҳияи Бӯстонлиқ мебошад. Падараш Рисқалӣ рокланда буд, модараш Рисқӣ – соҳибхоназан. Рисқалию Рисқӣ (бо амри қисмат ҳамномҳо оила барпо карда буданд) ҳафт фарзанд (панҷ духтар ва ду писар) ёфтанд.

Бачагии Илмира вазнин гузашт. Вақте дувоздаҳсола буд, модараш вафот кард. Илмираро лозим омад гов дӯшад, дар қитъаи наздиҳавлӣ каланд занад, ҷуз ин пухтупазу рӯбучин ва ҳокаҳо. Аз дасти додару хоҳаронаш дошта ба мактаб мебурд, аз мактаб бармегашту ба кори саҳро мебаромад. Аз ҳама душвор – нигоҳубини ҳоҳарчааш, ки ҳануз ширмак буду якуним сол дошт. Кӯдаки модаргумкарда баъзе шабҳо дурудароз ғаш мекард, баробари ӯ Илмира то субҳдам гиря карда мебаромад. Азоб буд, аммо...

Илмира мегӯяд, баъдтар фаҳмам он азобҳо назди санҷишҳои ҳаёт, ки пеш меистоданд, ҳеч будаанд.

Бале, шиканҷаҳо дид Илмира. Вале иродаи қавӣ, ки дошт, ба ҳама душвориҳо тоб овард...

Ба додару хоҳарчаҳояш модар шуд, калон кард онҳоро, хононд, соҳиби хонаю ҷой (оила) гардонд.

Чун бурҷимуллоиҳо мактабро бо забони модариаш хонд? Не, мегӯяд Илмира, маҳаллаамон Обираҳматро об зер кард, мачбуран ба Табақсой кӯч бастем, дар мактаби рақами 12, ки номи Ҳамид Олимҷонро дошт, таҳсил гирифтам, аҳолохон будам, дар идҳои «Ғунчаҳои санъат» яке аз иштирокдорони фаъол будам.

Вақте модари баногоҳ беморшудаашро ба касалхона бурданд, Илмира бо илтиҷо ба духтурон менигарист. Гумон дошт ҳаёти модаракаш ба дасти онҳост. Пизишкони деҳ кори аз дасташон меомадаро карданд, вале беморро нигоҳ дошта натавонистанд. Шояд қобилияташон нарасид, фикр мекард духтараки дар дилаш доғ. Вай аҳд кард мактабро тамом кунад, албатта, ба духтурӣ мехонад. Духтури зӯр мешавад... Баъди гирифтани номаи камол ба техникуми тиббии ба номи Охунбобоев, сонитар ба Академияи тиббӣ ҳуҷҷат супурд. Бахташ натофт. Ба санъат низ, ки шавқ дошт, як муддат дар ансамбли халқӣ-этнографии «Гулёр»-и ноҳияи Бӯстонлиқ кор кард. Баъдтар дар шуъбаи ғоибонаи Институти маданияти Тошканд ба номи Абдулло Қодирӣ таҳсил гирифт. Соли 1994 дар Театри ба номи Муқимӣ ба фаъолият сар кард. Соли 2002 шабакаи «Ёшлар»-и телевизиони ҷумҳурӣ ўро ба кор даъват намуд. Барандаи намоиши «Номаҳои аскар» гардид. Синамо эътибори ӯ ба худ кашид ва фаъолияти минбаъдаашро ба ҳамин соҳа равон сохт. Бо тақозои қисмат як муддат дар Туркия ва Гурҷистон ҳаёт ба сар бурд ва аз кино дур шуд. Ба диёр баргашту фаъолияти пештараашро давом дод. Алъон яке аз актрисаҳои шинохта аст. Бе картинаҳое, ки Илмира нақш бозидааст, ҳолати кинои муосири ўзбекро тасаввур кардан душвор.

Ш. ГУЛРУХСОР.

ҲАСРАТИ МАРДИ ДОРО

Бо ҳама мақомотам, молу мулку дороӣ.
Ҷуфт-ҷуфт мошинҳо, қудрату тавоноӣ,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям ё нафс.

Оғиле пур аз ҳайвон, ҷумла ҳаст ғайр аз ҷон,
Лек раҳм дар дил не, кай хурам ғами инсон?
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс.

Хона дораму маъво, сандуқе пур аз ашё,
Гарм нест манзилҳо, бастаӣ дари дилҳо,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям, ё нафс.

Хони ман пур аз неъмат, шарбати гаронмоя,
Нони ман хӯрад ҳайвон, гушна аст ҳамсоя.
Ай Худо, намедонам, бандаи туям ё нафс.

Одамияти ман нест, худнамою худҳоҳам,
Аз ғами дили мардум гарчи хуб огоҳам,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям ё нафс.

Умри бевафои ман чун чароғи ларзон аст,
Гар равам аз ин дунё, молу мулк ҳайрон аст,
Ай Худо, намедонам, бандаи туям ё нафс.

Қодиро, ба қалби ман меҳрро ато бинмо,
Ҳисси моли дунёро аз дилам раҳо бинмо,
Бандаи ту бошам бас, на гадои молу нафс!

Ӯғулой ҶӮРАБОЕВА,
вилояти СУРХОНДАРЁ.

⇦ (Аввалаш дар саҳ.3).

ЧАШМИКОРДОН

(Ҳикояи воқеӣ)

Ҳадод мисли мурғи посӯхта буд, намедонист худро ба кӯҷо занад. Чун кораш дар замин монда, замони иҷрои тарҳ ба пушт меафтод, сахт нигарон буд. Дар Тошканд истода, Исо аз ӯ ҳоли бадтареро дошт. Гоҳе бо заҳр ба ҳоли худ механдид, ақли «норасида»-ашро мазаммат мекард, «дар тӯли бист сол ба ин шакл кулоҳ сари ман нагузошта буданд! – бо ғазаб мегуфт ба худу ҳамкоронаш. – Зафар маро боб кард!». Суханҳои Ҳадод болои сӯхта намакоб мешуд: «Инҳо ба ғайр аз мо чанд ширкати хориҷаи дигарро ҳам гӯл задаанд. Корашон пулшӯйӣ будааст. Гуфтам, сари вақт берун кун, ба ҳарфам гӯш накардӣ». Ин гапу дилсиёҳиҳо буд, ки одамони худу бегона ба ӯ машварат медоданд, то паймонкори бадқавлу бевафоро ба додгоҳ диҳад. Аммо... ӯ ин корро накард, гуфт, «шикоят ҳам вақту соат дорад».

Бо вуҷуди номардӣ ва лаинии паймонкори дасти дуюм, Исо иродаашро аз даст надод. Чун таҷрибаи хуби корӣ дошт, дарҳол маҳорати хешро барои сару сомон бахшидани коргоҳ сафарбар намуд. Дигар замоне барои ёфтани паймонкори нав ва аҳду қарор бастан бо ӯ надошт. Биловосита аз Эрон ду нафар саркоргари моҳирро оваронд ва бо кумаки ёварони худ ҳафт гурӯҳи кориро таҳти сарпарастии он ду саркоргар ташкил дод. Дар ҳамин лаҳзаи ҳассоси тарҳ сандуқи пулашро васеъ кушод ва ҳар чӣ мавҷудӣ[7] дошт, барои анҷоми корҳои боқимонда масраф кард. Ҷон равад, равад, номусу обрӯ наравад!

Ҳадод ба истиқболи талошҳои бемайлони раҳбар баромад. Дар ҳар як муҳавваттаи сохтмонӣ корро дар ду баст роҳандозӣ намуд. Василаҳои фаннӣ – мошинҳои борбару болобар, хокрезу хокбардор, бетонкашу бетонкор, таҷҳизот ва кулли абзори мавҷудро ба кор гирифт. Дар давоми се моҳи қулфу калид коргоҳҳои ӯ бо шӯру мағали бесобиқа фаъол шуданд. Коргарони гурӯҳҳои сохтмонӣ, давуғечи беохири саркоргару сарпарастони коргоҳ, ҷӯшу хурӯши тозаи коргоҳҳо тамоми масъулони тарҳ, бахусус, корфармоёни маҳаллӣ ва нозиронро лол кард. Ҳеч касро боваш намеомад, ки инсон то ин ҳад бозуи тавоно дорад!

Дурри мақсуд сари вақт ба даст омад!

– Хуҷаста бод! Пирӯзӣ бар ақабмондагӣ муборак бод! Шумо мардонавор кор кардед, ба ахди худ вафо намудед, халқи ташнакоми маро оби тоза додед! – сипосгузориҳои ҳокими вилоят ҳар соату ҳар лаҳза дар пушти гӯшҳои Исо танинандоз аст.

Он замон, дар маъракаи супурдани тарҳи обрасонӣ ба корфармоён, Исо низ арз кард:

– Мубораки ҳамаамон аст! Ман аз он шодам, ки сухани ҳокими бузургвор дар замин намонд – дуруст пас аз якуним соли қавлу қарор ба манзили мардуми мискини биёбон оби хӯрданӣ расондем. Ин қаҳрамонии ҳар яки мост, бе шак, орзуи чандинасраи халқи пурбардошту боирода аст!

Ва то як моҳи дигар бо даъвои Исо ҷаласаи додгоҳ доир гардид. Акнун Зафару Муҳаммад наметавонистанд ба ҷое фирор кунанд, чун моҳии лағзон ба қаъри гурезгоҳашон нопадид шаванд. Қонун аз гӯши ҳар ду кашида ба курсии ҷиноят нишонд, муфтхӯрон чун гурбаи дар об зада асрори лукмаҳои ҳароми худро яке паси дигар ифшо мекарданд. Бо нигоҳҳои имдодхоҳи худ ба Исо чашм медӯхтанд, вале хабаре аз силаи раҳм набуд, гӯё теғи чашмони Исо то ҷигаргоҳашон мехалид ва ба ҳар ду мегуфт:

– Носипосон, тиратон хато рафт, акнун ба ҷазоятон бирасед!

---

1. Фасх – ботил кардан, бекор кардан
2. Шину моса – сангреза (шағал) ва рег
3. Ҷадвал – тирҳои хурди бетонӣ, ки дар ду канори роҳравҳои пиёдагард насб мешаванд
4. Тархис кардан – аз гумрук озод кардан
5. Дафтари фаннӣ – шуъбаи истеҳсолӣ ва техникӣ (ихтисори русӣ: ПТО)
6. Бедеҳкор – қарздор
7. Мавҷудӣ – пули боқимонда

Абдуҷаббори СУРӮШ

ЁД МЕКУНАМ...

Ҳар лаҳза бо баҳона туро ёд мекунам,
Ҳар рӯз, ҳар шабона туро ёд мекунам.

Аз васли об то лаби ҷӯ ханда мекунад,
Ай хуштарин тарона, туро ёд мекунам.

Мурғи муҳоҷирам, ки аз ин сӯйи фаслҳо,
Оҳ, ай Ватан, чу лона туро ёд мекунам.

Манзурам аз Ватан тану ҷони азизи туст,
Бингар, чӣ шоирона туро ёд мекунам.

Аз кӯча кӯча-кӯча нафас мекашам туро,
Дар хона хона-хона туро ёд мекунам.

Бо ёди он замона, ки аз мо гузаштааст,
Бар қасди ин замона туро ёд мекунам.

Шояд ту ҳам ҳамеша маро ёд мекунӣ,
Чун ман, ки ҷовидона туро ёд мекунам.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 4601 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.